Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-045 назди МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иктисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иктисодиёт) пешниҳод гардидааст**

Дар ҷаҳон тадқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои ташкил, татбиқ ва истифода таълими фосилавӣ хеле васеъ гузаронида мешавад. Тадқиқотҳо дар соҳаи ҳифзи захираҳои иттилоотӣ, воситаҳои барномавӣ барои таъмини амнияти таълими фосилавӣ ва самаранокии онҳо хеле каманд. Дар баробари ин ба таҳияи амсила ва алгоритмҳои арзёбии самаранокии иқтисодии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ ва амалияи татбиқи онҳо дар адабиёти илмӣ зиёд нестанд, аз ин лиҳоз мавзӯи тадқиқотии докторант Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Дар автореферати докторант мазмун ва мундариҷаи тадқиқоти илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” хусусиятҳои ташкил ва татбиқи системаҳои мавҷудаи таҳсилоти фосилавӣ, ҳолати кунунӣ ва равишҳои мавҷуда оид ба сохтани системаҳои амнияти иттилоотӣ таҳлил ва ҷамъбаст гардидааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи тадқиқот, баҳодиҳии дараҷаи илмии коркардшудаи мавзӯъ, муайян намудани объект ва предмети тадкиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии тадқиқотҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ дарҷ гардидааст.

Ҷанбаҳои назариявӣ, вазъи кунунии истифодаи системаи таълими фосилавӣ ва дурнамои рушди он, зарурати ҳифзи иттилоотии системаи таълими фосилавӣ дар тадқиқоти автореферати мазкур ҷойи асосиро ишғол намудааст.

Докторант дар натиҷаи тадқиқ нишондиҳандаҳои самаранокии амнияти иттилоотро дар низоми таҳсилоти фосилавӣ муайян намуда,

барои арзёбии самаранокии системаи амнияти иттилооти, низоми таҳсилоти фосилавӣ амсилаҳо таҳия намудаст. Самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ, чи хеле, ки муаллиф нишон додааст, тавассути таъмин намудани амнияти иттилоотӣ ва ҷорӣ намудани таъминоти барномавии зарури ва таҷҳизоту технологияҳои иттилоотӣ ба даст меояд. Аз ин рӯ, барои арзёбии самаранокии он дар автореферат дар баробари муайян кардани самаранокии иқтисодии амнияти иттилоотӣ ва арзёбии самаранокии низоми таҳсилоти фосилавӣ бидуни таъминоти амнияти иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Масъалаҳои ташкил ва таҷҳизонидани шабакаҳои локалӣ ва глобалӣ бо таҷҳизот ва таъминоти барномавӣ дар мисоли МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" аз тарафи муаллиф ҷой дода шудааст. Дар автореферат ҳисобҳои амалӣ, тавасути амсилаю алгоритмҳои арзёбии самаранокии амнияти иттилоотии гузаронидашуда бартарӣ ва эътимоднокии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолии амнияти иттилоотиро нишон додааст. Дастур ва пешниҳодҳои докторант дар донишгоҳ ва донишкадаҳо дар ташкили машғулиятҳои таълимӣ дар шуъбаи фосилавӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аз рӯйи мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф қайд кардан мумкин аст, ки мақолаҳо мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Шиносоӣ бо таҳқиқоти диссертатсионии дар автореферат инъикос гардида нишон медиҳад, ки муаллиф дорои қобилият ва малакаи хуби таҳқиқотӣ ва истифодаи методҳои мухталифи таҳлилӣ мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

- Маълум аст, ки низоми таҳсилоти фосилавӣ дар муҳити шабакаи глобалии Интернет фаолият менамояд. Мутаасифона дар автореферат оид ба ин омил маълумот оварда нашудааст;
- Дар автореферат баъзе ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди ин гуна камбудиҳои ҷузъӣ, аҳамияти методӣ ва амалии таҳқиқи амсиласозии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ дар рисола кам намегардад.

Диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзӯи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ" ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт мувофиқат мекунанд.

Дар маҷмӯъ, докторант Абдуллаев Акмал Абдуҷабборович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 Иқтисодиёт (6D05060 5- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Д.Н.

Суроғаи донишгоҳ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи №1,
тел.: (+992) 928566665
E-mail: dalerdn@mail.ru

Имзои д.и.и., дотсент Д.Н.Дадоматовро
тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
маҳсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«15» XI 2023 с.